ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба дисертатсияи Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи "Н.С. Тихонов ва адабиёти тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Киромиддинов Зиёрат Қиёмуддинович аз соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёт фаъолият намуда, дар ин муддат рисолаи номзадии худро дар мавзуи **"Н.С. Тихонов ва адабиёти тоҷик"** мавриди таҳқиқ қарор додааст. Масъалае, ки унвонҷӯй мавриди пажӯҳиш қарор додааст, акутуалӣ мебошад, зеро дар замони Истиқлолият таҳқиқи осори адибони аҳди Шӯравӣ ба хотири дарёфт ва ҷустуҷӯҳои нави робитаҳои адабии тоҷику рус, нақши эстетикии он ва муошираты адибон муҳим аст. Дар ҳамин замина таҳқиқи дӯстии Н.С. Тихонов ва М. Турсунзода, ки дар ташаккули пайвандҳои адабию фарҳангии тоҷику рус нотакрор буд, хеле муҳим ба шумор меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва 7 фасл хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, аз 171 саҳифа таркиб ёфтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудан, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, усул ва равиши таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариву амалии таҳқиқот, нукоти барои ҳимоя манзуршуда шарҳу тафсир ёфтаанд.

Аҳамияти мавзуъ аз он иборат аст, ки масъалаҳои заминаҳои назариявӣ ва таърихи омӯзиши равобити адабии тоҷику рус, муносибати эҷодии Тихонов Николай, таҳқиқи осори ӯ дар танқиди адабии тоҷик, мақолаҳои адабию публитсистӣ ва баромадҳояш роҷеъ ба муносибатҳои адабӣ, омӯзиши осори дар нашрияҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, муносибати эҷодии шоир бо Мирзо Турсунзода, хидматҳои Н.С. Тихонов дар барқароргардӣ ва инкишофи адабиёти сермиллати шӯравӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар рисола навоварӣ, пеш аз ҳама, дар он дида мешавад, ки бори нахуст дараҷаи таҳқиқи осори Тихонов Н.С. дар танқиди адабии тоҷик, мақолаҳои адабию публитсистӣ ва баромадҳои шоир роҷеъ ба адабиёт ва фарҳанги тоҷикон, таъсири мундариҷавии онҳо ба адабиёти тоҷик, омӯзиши осори ӯ дар нашрияҳо ба забони тоҷикӣ ва муносибати эҷодии шоир бо М. Турсунзода, хидматҳои Н. С. Тихонов дар барқароргардӣ ва инкишофи адабиёти сермиллати шӯравӣ ва вежагиҳои тарҷумаи осори Н. С. Тихонов мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф бар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти рисоларо дар улуми адабиётшиносӣ, фарҳангшиносӣ, барои таълифи китобҳои дарсии академӣ ва

донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик, робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ метавон истифода намуд.

Боби аввали рисола "Пайвандҳои адабии Н.С. Тихонов бо адабиёти тоҷик" унвон гирифта, аз 2 фасл иборат мебошад. Дар ин боб вазъи адабиёт ва робитаҳои адабӣ, пайдоишу ривоҷи робитаҳои адабии тоҷику рус дар замони шӯравӣ, масъалаҳои рушду такомули тарҷима баррасӣ шудааст.

Боби дувуми кор "Таҷассуми масъалаҳои Шарқ дар осори Н.С. Тихонов" унвон дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввали кор "Тасвир ва оҳанги шарқӣ дар ашъори Н.С.Тихонов" номида шудааст .

Боби сеюм "Тарҷумаи осори Н.С. Тихонов ба забони тоҷикӣ" арзиши бадеии тарҷумаи осори Н.С. Тихонов таҳқиқ гардидааст, ки аз се фасл таркиб ёфтааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анчомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифи манзур гардидаанд. Хулосаҳою тавсияҳои Киромуддинов Зиёратшоҳ касбӣ буда, баёнгари мундаричаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд. Дар сурати истифода ва ба роҳбарӣ гирифтан онҳо воқеан барои ҳалли мушкилот дар ин самт метавонанд мусоидати амалӣ намоянд.

Метавон хулоса кард, ки диссертант аз ухдаи ҳалли ҳамаи масъалаҳои дар диссертатсия зикршуда баромадааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар мақолаҳои илмӣ, аз ҷумлаи онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои феҳристи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Масоили меҳварии таҳқиқот бештар дар ҳамоиши илмӣ дар бораи адабиётшиносӣ ироа гардидааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ба дараҷаи зарурӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамчунин, хислатҳои шахсии Киромиддинов Зиёрат Қиёмуддинович метавон мусбӣ шуморид. Номбурда бисёр шахси меҳнатдӯст ва ҷӯянда аст. Баробари таҳқиқоти илмӣ дар корҳои ҷамъиятӣ нашри мақолаҳои публисистӣ дар мавзӯҳои доғи рӯз фаъол аст. Киромиддинов Зиёрат Қиёмуддинович бо вуҷуди ҷавон будан муаллиф ва мураттиби се китоб роҷеъ ба фаъолияти рӯмарраи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Бо назардошти сифатҳои зикршудаи шахсии муаллиф, қобилияту маҳорат ва омодагии ӯ ба корҳои илмию таҳқиқотии мустақил ҳамчун роҳбари илмӣ ҳисоб мекунам, ки диссертатсияи Киромиддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзӯи "Н.С. Тихонов ва адабиёти тоҷик" рисолаи

анчомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор аст.

Роҳбари илмӣ:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Олимӣ Хосият Ҳоким**
Имзои Олимӣ Х. Ҳ.- ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи
давлатии забонҳои Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода **Наҷмуддинов Ш.**

Суроғa: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6
Тел: (+992 37) 232-50-00; (+992) 917-16-07-91.
E-mail: hosiyat.olimova@mail.ru

18.03.2022